АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ МАСОИЛИ АМНИЯТИ БИОЛОГӢ
ВА БИОТЕХНОЛОГИЯ

*Озмоишгоҳи пешгирии вабои сумдард ва сафедхунии чорво*

# Дастурамал доир ба

## БЕХАТАРИИ БИОЛОГӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ЧОРВОДОРӢ

**(барои фермерон ва духтурони байторӣ)**





**Душанбе-2024**

Дар Комиссияи методии ИМАББ -и АИКТ
Суратљаласаи № 2 аз 18 сентябри с. 2024
ва Шурои олимони институт
Суратљаласаи № 7 аз 11 октябри с. 2024
баррасї гардида, маъќул дониста шуд
___________ Абдуллоев А. О.
«____» ____________с. 2024

Муратиббон: Зуурбекова О. С. - ходими калони илмии озмоишгоњи пешгирии вабои сумдард ва сафедхунии чорво; Ќосумбеков М. И. - номзади илмњои биологї, мудири озмоишгоњи пешгирии вабои сумдард ва сафедхунии чорво.

Дар дастурамалї мазкур тавсияњо оид ба риоя намудани бехатарии биологї дар хољагињои чорводорї дода шудааст.

Дастурамал барои фермерон ва духтурони байтори хољагињои чорводорї пешбинї шудааст.

# Муќаддима

Бењдошт ва бехатарии биологї дар фермањои паррандапарварї ва чорводорї барои дастгирии солимии подаву села дар давоми тамоми давраи истењсолї хеле муњим аст. Танњо солимии саршумор метавонад даромади боэътимодро барои корхона таъмин намояд. Кам кардани табобат ва истифодаи доруву дармон ва нигоњ доштани офияти њайвонот бояд яке аз маќсадњои муњим њангоми истењсолот бошад.

Аз ин рў, муњим аст, ки ба рух додани беморињои њайвонот роњ додан мумкин нест. Шиор њамеша бояд чунин бошад:

***Пешгирї бењтар аз табобат аст!***

Тадбирњои пешгирикунанда ба ќатъ намудани сироятёбии њайвонот дар ферма равона карда шудаанд. Ќоидањои соддаи бењдошт барои њайати кормандон, аз ќабили иваз намудани пойафзол ва шустани дастњо пеш аз даромадан ба бино барои дастгирии солимии пода ёрї мерасонанд, вале танњо дар мавриди риояи ќатъии онњо. Аланга гирифтани эпидемия дар корхонањо њамеша натиљаи вайрон ва халалдор намудани тадбирњои бехатарии биологї ба шумор меравад.

Ин дастури мухтасар барои фермерон ва духтурони байтор имкон медињад, ки таљриба ва амалиётњои заруриро дар корхона татбиќ намоянд, солимии њайвонотро мањфуз дошта, онњоро аз њама сироятњо њимоя намоянд. Њамчунин дастури мазкур баъ-

зе аз тавсияњоро доир ба софкорї ва сироятзудоии биноњоро дар бар мегирад. Дастури мухтасари мазкур ба чорводорон доир ба пешгирии њолатњои бўронї, ки ба вазъи солимии њайвонот таъсири муњим доранд ва онњоро дар бештари мавридњо ба инобат намегиранд ва боиси ба миён омадани беморињо мегардад, кўмак мерасонад.

## Бехатарии биологї

Бехатарии биологї дар хољагињои чорводорї аз худ системаи тадбирњоеро дар бар мегирад, ки ба пешгирии роњ ёфтани барангезандањои хатарнок ба ферма, самарабахшии мањдуд намудани пањншавии беморињо дар мавриди ба миён омадани онњо, равона гардидаанд.

Бехатарии биологї яке аз усулњои самарабахш ва сарфакоронаи
дастраси пешгирї ба шумор меравад.

Бехатарии биологї њанўз аз тарњкашии ферма ва сикли истењсолї оѓоз меёбад. Таълими њайати кормандон як њиссаи хеле муњими бехатарии биологї ба шумор меравад, зеро агар ягон кас ќоидањои бехатарии биологиро риоя накунад, ин боиси вайрон гаштани тамоми система мегардад.

Таълими њайати кормандон як њиссаи хело муњими бехатарии биологї мебошад. Агар ягон кас ќоидањоро риоя накунад, ин боиси вайрон гаштани тамоми система мегардад.

Тадбирњои бехатарии биологї тамоми ферма, аз љумла бинoњои ёрирасон ва истењсолиро, дар бар мегирад.

Ташхис ва табобати беморињо њолати мураккаб ва гарони (ќимати) барномаи пешгирии барорнагирифта мебошад.

## Роњњои имконпазири интиќоли сироят

Воситаи наклиёт
Кормандони ферма
Мењмонон (ташрифовардагон)

Парандањои ёбої
Хояндагон
Тањчизот
Њаво
Хўроку об

**Бинoњо ва њудуд**

Ферма бояд њарчи на камтар аз 1 км аз дигар хољагињои чорводорї дуртар ќарор дошта бошад.

Њудуди ферма бояд бо тавора ињота шуда бошад. Дар даромадгоњ лавњаи иттилоотие муљљањаз шуда бошад, ки даромадани шахсони бегона ва воситањои наќлиётиро манъ намояд.

Дар гирду аторофи бинoњо набояд наботот: растанї, бутта, дарахтон љой дошта бошанд, зеро ин метавонад хояндагон ва парандањои ёбоиро љалб намояд.

Даромадгоњ ва роњравњо (пайроњањо) дар њудуди ферма бояд асфалтпўш карда шуда бошанд. Онњоро мунтазам тоза ва сироятзудої бояд намуд.

Дар девор ва фаршњо сўрохї ва тарќишњо набояд љой дошта бошанд, онњо барои микроорганизмњои њамаљониба касалиовар ва зарарасонњо панoњгоњ ба шумор меравaнд.

Парандагони ёбої, хояндагон ва дигар зарарасонњо ба њудуди ферма, бахусус ба манбаи ѓизову об, набояд дастрасї дошта бошанд.

***Фазои кушод.*** Масалан, системаи њавософкунї бояд тарзе сохта шавад, ки роњёбии дигар парандагону хояндагонро ба бино пешгирї намояд. Панљарањои њавохунуккуниро истифода бурдан зарур аст.

Пеш аз ворид шудани воситаи наќлиёт ба ферма бояд садд (барер) бо мањлули сироятзудо љой дошта бошад.

***Њавософкунї.*** Воридшавии њаво бояд аз минтаќаи тоза, баромадани он бошад, ба самти минтаќаи ифлос амалї гардад.

Контейнерњо барои љамъоварии љасад бояд берун аз ферма ќарор дошта бошанд.

Љойи исти мошинњо бояд берун аз њудуди таворакашида ќарор дошта бошад.

## Амалиёти воридшавї ва беруншавї

Њар як ферма бояд соњиби амалиётњои санитарии стандартї бошад ва касе, ки майли ба он даромадан дошта бошад, бояд онњоро риоя намояд.

Миќдори муштариёнро ба њадди аќал расондан даркор аст, зеро одамон яке аз интиќолдињандагон ва пањнкунандагони сироят ба шумор меравад.

Њар як шахсе, ки хоњиши ба объект даромаданро дорад, бояд аз амалиётњои санитарї гузарад.

Агар имконияти шустушў набошад, бояд имконияти шустани дастњо, ба бар кардани либос ва иваз намудани пойафзол бошад.

Дар даромадгоњи ферма бояд ду љойи алоњида барои маљмўи либосњои гуногун мављуд бошад: яке барои либоси муќаррарї, дигар либос, ки танњо дар њамин объект ба бар карда мешавад.

Либосе, ки дар бино ба бар карда мешавад, зарур аст мунтазам иваз карда шуда, шуста шавад.

Соат ва зару зеварро дар минтиќаи ифлос гузоштан зарур аст.

Асбобу тањљизотро аз як бино ба бинои дигар гузаронидан мумкин нест. Дар њар як бино бояд асбобу олоти алоњида мављуд бошад.

Дафтари сабту ќайд кушодан зарур аст, то ки маълумот дар бораи муштариёни ферма ва объектњое, ки ворид мегарданд, дар он  сабт ёбад.

Воситањои сироятзудоиро дар саддњои сироятзудої мунтазам иваз кардан зарур аст. Имконияти истифодаи дозатори воситаи сироятзудояндаро тањти назорат ќарор додан зарур аст.

Рӯбучини фермаро њангоми даромадан ба бино бо истифодаи воситањои сироятзудоянда тањти назорат ќарор додан зарур аст.

***Муњим.*** Амалиёти санитарї бефоида аст, агар он ба тарзи ќатъї риоя карда намешавад.

Муштариёни муќаррарї аз њама хавфнок мебошанд. Ба онњо байторон, машваратчиён ё тањвилгарони хӯрока тааллуќ доранд, ё аз дигар фермањо дидан кардаанд.

**Воситањои наќлиёт**

Ба даромадани воситањои наќлиёт, кї хӯрока меоранд ё љасадњоро меѓундорад, ба њудуди ферма роњ дода намешавад. Имконияти расонидани хӯрокаро ба њудуд, ки берун аз њудуди девори тавора ќарор дорад, ташкил кардан зарур аст.

Имконияти расондани хӯрокаро ба њудуд, ки берун аз њудуди девори тавора ќарор дорад, ташкил кардан зарур аст.

Расонидани хӯрока бо воситаи наќлиёти худї, ки пеш аз њар як воридшавї дар минтаќаи тоза аз коркарди санитарї мегузарад, татбиќ карда мешавад.

Агар даромадани воситаи наќлиёт ба ферма имкон надошта бошад, он гоњ дар мавриди берун рафтан, њадди аќал, чархњои он бояд сироятзудої шаванд.

## Тозакунї ва сироятзудої

## Амалиёти тозакунї ва сироятзудоии бинoњо

Тањљизоте, ки имкони љойивазкунї дорад, бояд аз њудуди объект баровarда шавад. Баъди ин имкон дорад, ки амалиёти тозакунї оѓоз карда шавад.

1. ***Тозакунии дурушт.*** Бинoњоро њанӯз, ки гарм аст, бо инсектитсид, бо маќсади мањв намудани канањо, гамбускњо ва дигар њашароти зараровар, коркард кардан зарур аст. Тамоми ахлот ва ифлосиро љамъ оварда тоза кардан зарур аст.

2. ***Намкунӣ.*** Бино ва таҷҳизотро ба муддати якчанд соат тар кардан зарур аст. Миқдори басандаи маҳлул барои таркунӣ бояд истифода бурда шавад. Маҳлулҳои фаъол имконияти муборизаро бо ифлосиҳои устувор фароҳам меоранд. Дуруст ба иҷро расонидани тозакунӣ кам кардани вақтро барои рӯбучин фароҳам меорад.
3. ***Шустушӯ.*** Воситаи шӯяндаи фишораш баландро барои гузаронидани шустушӯи бино истифода бурдан даркор аст. Оби гарм ё хунукро, вобаста аз воситаи шӯяндае, ки ба кор бурда мешавад, истифода бурдан зарур аст.
4. ***Обшуйкунӣ.*** Баъди тозакунии объект ва таҷҳизот онҳоро бо оби тоза обшуйкунӣ бояд кард.
5. ***Хушккунӣ.*** Бино ва таҷҳизотро бахубӣ хушк кардан зарур аст. Ин муҳим аст, зеро кӯлмакча воситаи сироятзудоиро, ки баъди хушккунӣ истифода бурда мешавад, равонтар (суюқтар) мекунад.
6. ***Сироятзудоӣ*** *.* Ҳангоми ба кор бурдани воситаи сироятзудо бояд бино маҳкаму ҳавоногузар карда шавад, таҷҳизоти ҳавософкунӣ бошад, бояд аз кор мононда шавад. Сироятзудоӣ бояд миқдори агентҳои сироятиро ба ҳадди ақал расонад. На камтар аз 0,4л/м$^2$ - и майдони фарши бино бояд истифода бурда шавад. Биноро аз охираш то ба қисми пешаш ва аз шифт то фарш сироятзудоӣ бояд намуд.

***Муҳим:*** Сироятзудоӣ бе тозакунии зарурӣ ягон таъсири самарабахш надорад. Зиёд намудани консентратсияи воситаи сироятзудоӣ ҳеҷ гоҳ тозакунии бошиддатро иваз карда наметавонад.

Ҳамаи воситаҳои сироятзудоӣ, дар мавриди мавҷудияти моводи органикӣ, таъсирбахшии камтар доранд. Воситаҳои сироятзудо дар мавриди зерин метавонанд ғайрифаъол карда шаванд:

- агар дар бинои ифлос воситаҳои сироятзудоянда бо наҷосат ва дигар ифлосиҳо қаблан ба реаксия дароянд;
- агар воситаҳои сироятзудоӣ бо боқимондаҳои воситаҳои тозакунанда ба реаксия дарояд. Аз ин рӯ, баъди рӯбучин бино бояд бо об шуста, ба тарзи дилхоҳ хушк карда шавад.

Воягирии воситаи  сироятзудояндаро даќиќан бояд ба њисоб гирифт, дастурамал доир ба истифодабарї риоя бояд карда шавад.

Ваќти таъсирро риоя кардан зарур аст.

Агар дар хољагї беморињо ба ќайд гирифта шуда бошанд, ба байтор мурољиат кардан зарур аст, то ба интихоби воситаи муносиби сироятзудоянда кўмак кунад.

Њангоми интихоби воситаи сироятзудоянда њароратеро ба инобат гирифтан зарур аст, ки дар бино фароњам овардани он мумкин бошад. Дар хотир бояд дошт, ки баъзе аз моддањо, ба мисли алдегидњо, дар њарорати пасттар аз $10^0$C таъсир намерасонанд. Таъсири воситањои сироятзудояндаи бешумор дар баланд бардоштани њарорат, хеле бењтар мегардад.

Њатман назорати озмоишгоњии сифати шустушўї ва сироятзудої бояд гузаронида шавад. Инро байтори худї ё мутахассиси беруна метавонад ба иљро расонад.

***Муњим:*** Тозакунї ва сироятзудоии паррањои њавософкунак, жалюз, асбобњои равшанкунанда, парда ва деворњо набояд аз хотир бароварда шаванд. Амалиёти тозакунї ва сироятзудоии нигоњдории хўрока ва либосивазкунї бояд дохил карда шавад.

## Хўрока

Дар мавриди истењсоли хўрокаи худї диќќати махсусро ба унсурњои таркибї дода, мављудияти моддањои ѓизої, тухмгузории микробї бояд назорат карда шуда, эњтимолияти ифлосёбї бо миктоксинњо бањогузорї карда шавад.

Боварї њосил кардан зарур аст, ки њамаи ашё ва иловагињои хўрока дар шароити мўътадилу муносиб нигоњдорї мешаванд. Бояд дар назар дошт, ки нигоњдории равѓан ва чарбу диќќати махсусро таќозо мекунанд.

Харидории хўрокаи консентратсиянок, яъне камбикорми тайёрро танњо аз тањвилгарони иљозатномадошта дастрас намуд ва он назорат бояд карда шавад.

Борхат ва намунаи њар як тањвилро њамеша нигоњ доштан зарур аст.

Бункери нигоњдории хўрокаро дар тозагї нигоњ доред. Хўроки пошхўрдаро сари ваќт љамъоварї кардан зарур аст.

Бункерњои нигоњдории хўрокаро дар љойи торик гузоштан лозим аст, то ки хўрока гарм нашавад.

Тамоми системаи хўрокдињиро баъди њар як сикли истењсолї тоза кардан зарур аст.

Бояд дар назар дошт, ки хўрокаи тоза  метавонад њамеша, њангоми боркашї ва нигоњдорї, ифлос гардад.

## Об

Системаи обдињї ё худи об метавонад интиќолдињандагони сироят ба бино бошанд.

***Аз ин рў муњим аст*:**

Сифати об бояд мунтазам санљида шавад. Агар об аз чоњи худи ферма гирифта шавад, намунаи онро на камтар аз ду маротиба дар як сол барои тањлил додан зарур аст.

Боварї њосил кардан даркор аст, ки лўлањои обгузарон (водопровод) на камтар аз як маротиба дар як соат, дар њавои гарм тоза мегарданд.

Лўлањои обгузарро мунтазам тоза ва сироятзўдої кардан даркор аст. Ин бояд њадди аќал пеш ва пас аз амалиёти байторї (нўшонидани пешгиркунанда ё додани воситањои доруворї) ба иљро расонда шавад.

## Бе истифодаи воситањои кимиёї

Додани об бо импулс ва фишори баланди њаво, ки баъди фосилаи муайяни ваќт дар лўлањо ба вуљуд оварда мешавад, амалї карда мешавад. Дар давраи хизматрасонї, њамчунин пеш ва баъ-

ди истифода бурдани маводњои ветеринарї, истифода бурда мешавад.

Аз обкашонњое истифода бурдан зарур аст, ки об доимо дар њаракат аст. Ин тањшин шудани заррањои хурдро пешгирї мекунад.

## Бо истифодаи воситањои кимиёї

Хлоролудакунї усули нисбатан пањншудатарине мебошад, ки барои тозакунии об аз ифлосёбии бактералї истифода бурда мешавад.

Бактерия ва вирусњои бешуморро дар об мањв менамояд.

Хлор дар об ($18^0$C) нисбатан самарабахшу фаъол аст.

Дар мавриди њузур надоштани њайвонот мањлули консентратсияшудаи хлорро ба тамоми система сар додан ва ба муддати 24 соат боќї мондан мумкин аст.

***Муњим:*** Талаботњои ќонунгузории амалкунандаи мамлакатро дар сикли истењсолї риоя кардан зарур аст. Ба ѓайр аз ин, миќдори хлор метавонад ба самаранокии дору ва ваксинањо таъсир расонад. Назорат кардан зарур аст, ки консентрасия аз 5% нагузарад, зеро ин метавонад ба
зангзании тањљизоти филизї ё вайрон намудани кашидабурд (прокладка) бурда расонад.

Диоксиди хлор пардаи биологиро бартараф менамояд, микроб ва дигар иллатзойњоро мањв намуда, тањшиншавии оњан ва марганестро пешгирї менамояд.

Иттилоот доир ба таъсири мутаќобилаи диоксиди хлор бо тар
кибњои байторї ва таъсири номатлуб ба меъдаи њайвонот мављуд
нест.

Кислотањои органикї ќимати рН-и обро паст мефарорад, ки ин
афзоиши бактериянњоро пешгирї менамояд.

## Назорати хояндагон

Хояндагонро хӯрока, об ва шароитњои муњити атроф дар мурѓхона љалб менамоянд.

Онњо биноро бо тарашшўњоти наљосат ифлос мекунанд.

Онњо интиќолдињандагон ва мањзани иллатзо, бахусус салмонела, ба шумор меравнд.

Дар мубориза бо хояндагон усулњои ѓайркимиёвї (масалан домњои механикї) ё кимиёи (масалан домхӯрак) - ро истифода бурдан мумкин аст.

Домхӯракњоро дар стансияњои домхӯракї љойгир мекунанд. Тавсия дода мешавад, ки бо мутахассис дар мубориза бо хояндагон машварат кард, зеро хояндагон ба домхӯракњо хеле њассосанд ва онњо рафторе, ки «њароси домхӯрак» номида мешавад, дар онњо метавонад инкишоф ёбад. Аз ин рӯ, амалиётро ба таври зарурї ба иљро расонидан зарур аст.

Дар мубориза бо хояндагон рољњои зеринро риоя бояд кард:
- дар дохил ва берун аз бино тозагиро дастгирї намоед;
- хӯроки пошхӯрдаро дарњол љамъоварї намоед;
- барномаи мубориза бо хояндагонро дар ферма тањия намоед.

Тадбирњои зарурии зеринро рољандозї намоед:
- сари ваќт њайвонњоро моякўбї намоед;
- доир ба иттилооти моякӯбї ба Маркази ташхиси бехатарии озуќаворї мурољиињат намоед;
- њангоми ба миён омадани аломатњои нахустини беморињо, њайвонњои
солимро аз касал људо намуда, барои муќаррар намудани ташхис ва таиноти табобат ба духтури байтори мањал мурољиињат кардан даркор аст.

## Кашонидани њайвонот

Воситаи наќлиёт барои кашонидани њайвонот, ки аз берун ворид мешавад, бояд шусташуда ва ба мисли зарфњои истифодашуда, аз коркарди санитарї гузаронида шавад.

Агар дар љараёни боркунию борфарорї тањљизоти махсус истифода бурда шавад, он бояд аз коркарди сироятзудої гузаронида шавад.

Њангоми кашонидани саршумор як ё якчанд маротиба, њамаи тадбирњои эњтиёткориро риоя намудан зарур аст.

Ба воридшавии воситаи наќлиёте, ки аз дигар фермањо чорво кашондааст, роњ додан даркор нест.

Дар мавриди тањияи системаи бехатарии биологї ёрии байторони баландтахассус ногузир аст ва татбиќи он љалби њамаи иштирокчиёни љараёни истењсолиро таќозо мекунад. Барномаи бехатарии биологиро мунтазам аз назар гузаронидан, таљдид намуда, таълими њайати кор-мандон бояд гузаронида шавад.

# Барои қайдҳо